**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кучаи С. Айнӣ 44)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Дар замони муосир бо сабаби ниҳоят тез будани суръати талабот ба захираҳо ва афзудани сатҳи маҳдудияти захираҳо назар ба сатҳи такрористеҳсолкунии онҳо, зарурати истифодаи оқилонаву самараноки онҳо ба миён меояд. Ин муаммо яке аз проблемаҳои асосии илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз автореферати диссертатсияи Махкамова Ч. А. дида мешавад, ки дар он масъалаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва мукаммалгардонии методҳои он дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф, дар замони муосир тибқи таълимоти рушди устувор раванди истифодаи захираҳо ҳамон вақт оқилона мегардад, ки агар дар натиҷаи он субъектҳои хоҷагидор ба мақсадҳои стратегиву дарозмуҳлати худ наздик шаванд.

Муаллиф дар автореферат таъкид кардааст, ки шарти муҳим барои таҳлили ҳаматарафаи ташкили истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ, инчунин ворид намудани методҳои илман асосноккардашудаи комбинатсия ва истифодаи оптималии онҳо, гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ дар асоси ҷудо намудани меъёрҳои умумӣ ва қонуниятҳои робитаи байни онҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, гурӯҳбандиро ҳамчун яке аз методҳои муҳими идоракунӣ ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо дида баромадан мумкин аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли худро ёфтааст, ин коркарди асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ) мебошад.

Аз автореферат бармеояд, ки дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон чорабиниҳои муҳими ташкили истеҳсолот, ба монанди интихоб ва асосноккунии шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои ҳаракати захираҳо, ташаккули сохтори оқилонаи ташкиливу идоракунии маҷмуавии захираҳои иттилоотӣ-моддӣ, низоми назорат ва идоракунии захираҳои энергетикӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда нашудаанд. Аксарияти вазифаҳои идоракуниву ташкилӣ иҷро намешаванд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод шудааст, ки таъсиси низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ тақозои давраи муосири рушди мамлакат ва минтақаҳои он мебошад.

Муаллиф тавсия додааст, ки алгоритми баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таҳия карда шавад, ки он аз марҳилаҳои асосии зерин иборат мебошад: омодагӣ ва лоиҳакашӣ; раванди амалигардонии лоиҳа ва баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ: нигоҳ доштан

ва назорати иҷрои вазифаҳо ё чораҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ. Алгоритми пешниҳодкардашуда ба ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ оид ба қабули қарорҳои идоракунӣ ва ташкилӣ дар самти истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва арзёбии сатҳи ИОЗИ мусоидат менамояд

Дар умум, автореферат дар доираи талаботи мавҷуда омода карда шуда, ҳалли масъалаҳои гузошташударо ба таври пурра дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар автореферат камбудиҳо ва нарасогиҳои зерин дида мешаванд:

1. Муаллиф бо мақсади муайян кардани манбаъҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳоро таҳия намуда, вазифаҳои онро шарҳ додааст. Лекин унсурҳои калидӣ ва методикаи ҷустуҷӯйи манбаъҳо мушаххас намебошад.

2. Дар замони муосир масъалаҳои таъминоти институсионалии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ низ нақши муҳим дорад. Агар ин масъала васеътар таҳқиқ мегардид, сифати кори илмӣ беҳтар мешуд,

Камбудиҳо ва норасогиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, ба пешниҳоди диссертатсия барои ҳимоя монеагӣ намекунанд.

Дар хулоса ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Маҳкамова Ҷамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**

**«____» ________2023**